П. ҒУЛОМОВ, Ш. МИРЗАХМАТОВА

# Шиносоӣ бо муҳити зист

***Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 2-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ***

**Нашри шашуми такмилёфта**

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*



**Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон**
**Тошканд – 2018**

УЎК 502.2=222.8(075)
КБК 20.1я71
Ғ 84

**Муҳаррири масъул:**

Ҳ. Ваҳобов — доктори илмҳои география, профессор

**Муқарризон:**

**И. Сагдуллаев** — номзади илмҳои биология, дотсент;
**М. Боситхонова** — омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 324-уми шаҳри Тошканд.

## Аломатҳои шартӣ:

**Саволҳо**

**Супоришҳо**

**Кори амалӣ**

**Хотимаи дарс**

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст**

ISBN 978-9943-05-830-9

© П. Ғуломов, Ш. Мирзахматова, с. 2018
© ХЭТН ба номи Чӯлпон, с. 2016
© ХЭТН ба номи Чӯлпон, с. 2018

# МУҲИТИ ЗИСТРО МЕОМӮЗЕМ



## § 1. ОЛАМИ АТРОФИ МО

Ҳамаи чизҳое, ки шумо мебинед — биноҳо, дарахтҳо, гулҳо, об, машинаҳо, шабпаракҳо, кӯҳҳо, Офтоб, Моҳ ва ситораҳоро олами атроф ё муҳити зист мегӯем (расми 1).

Муҳити зисти мо хеле рангоранг буда, сирри бисёр дорад. Одамон аз қадим ба омӯхтани табиат шавқ доштанд. Барои донистани асрори он мекӯшиданд.




Расми 1. *Муҳити зисти мо*

Омӯхтани муҳити зист аз мушоҳидаи он сар мешавад. Мо муҳити зистро бо ёрии узвҳои ҳис эҳсос менамоем ва мушоҳида мекунем.

Чашми мо мебинад, гӯшҳоямон мешунаванд. Забонамон таъм, биниамон бӯй, пӯстамон гарму хунукро ҳис мекунад (расми 2).

Барои донистани баъзе ҳодисаҳо корҳои амалӣ мегузаронем. Ба сайри табиат мебароем.

Ашё ва ҳодисаҳоеро, ки дар табиат мушоҳида мекунем, ба «Дафтари корӣ» менависем.




Расми 2. *Узвҳои ҳисси одам: 1 — бинӣ; 2 — гӯш; 3 — чашм; 4 — забон; 5 — пӯст.*

**Калимаҳои асосӣ:** муҳити зист, узвҳои ҳис, ҳодиса, дафтари корӣ.

## Саволҳо

1. Муҳити зист гуфта чиро мефаҳмем?

2. Кадом узвҳои ҳисро медонед?
3. Ба «Дафтари корӣ» чиҳо навишта мешавад?

**Супориш**

«Дафтари корӣ»-ро кушоед. Ба ин дафтар ҳолати ҳаррӯзаи обу ҳаво ва аломатҳои онро нависед.

## § 2. ҶИСМ ВА МОДДАҲО ДАР ТАБИАТ

Ҳамаи чизҳое, ки шумо мебинед, аз ҷисм ва моддаҳо иборат: бино, машина, дарахт, китоб, миз, курсӣ. Замине, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, Офтоб, Моҳ, ситораҳои осмон ҳам ҷисм мебошанд.

Баъзе ҷисмҳо табиӣ мешаванд (расми 3). Баъзеяшонро одамон месозанд (расми 4).

Ҷисмҳо аз моддаҳо таркиб меёбанд. Моддаҳо дар ҳолати табиӣ ҳам дучор меоянд. Аз онҳо дар шаклҳои гуногун ҷисмҳо сохтан мумкин. Аз оҳан ғилдирак, каланд, машинаҳо сохта мешаванд. Дар ин ҳол ғилдирак, каланд, машинаҳо — ҷисм буда, оҳан модда аст.



Расми 3. *Ҷисмҳои табиӣ*



Расми 4. *Ҷисмҳое, ки одамон сохтаанд*

Мис, тилло, намак, об, шакар, ҳавое, ки мо нафас мекашем, модда мебошанд. Моддаҳои зиёде, ки дар табиат дучор меоянд, дар се ҳолат: моеъ, сахт ва буғ мешаванд. Инро дар мисоли об мебинем. Порчаи яхро аз яхдон гирифта ба зарф андохта монем, он ба об табдил меёбад. Обро ҷӯшонем буғ ҳосил мешавад.

Пас, об дар ҳолати сахт (ях), моеъ (об) ва буғ (газ) дучор меояд (расми 5).

Ҳар навъ ҷисм ва модда соҳиби вазн мебошад. Вазни онҳо бо ёрии тарозу чен карда мешавад.




Расми 5. *Намуди об дар се ҳолат:*
*1 — ҳолати моеъ (об); 2 — ҳолати буғ (газ);*
*3 — ҳолати сахт (ях).*

**Калимаҳои асосӣ:** ҷисм, модда, газ, вазн, буғ.

## Саволҳо

1. Ҷисм чист? Дар атрофи мо кадом ҷисмҳо ҳастанд?
2. Модда чист? Кадом моддаҳоро медонед?
3. Моддаҳо дар кадом ҳолатҳо мешаванд?

## Супориш

Дар хона, дар се ҳолат будани обро таҷриба карда бинед. Барои ин, аз яхдон як порча ях гиред. Ин — ҳолати сахти об. Акнун онро ба пиёла андозед. Он ба об табдил меёбад. Ин обро агар ҷӯшонед, ба буғ мубаддал шуда, ба ҳаво баромада меравад. Буғ — ҳолати газии об.

Таҷрибаро бо ёрии калонсолон иҷро кунед.

# § 3. ОБУ ҲАВО

Имрӯз пагоҳӣ ҳаво кушод, хеле салқин буд. Нисфирӯзӣ ҳаво гарм шуд. Бегоҳӣ дар осмон абр пайдо шуд. Каме борон борид. Ана ҳамин хел ҳолати ҳаво дар вақти кӯтоҳ, обу ҳаво номида мешавад. Обу ҳаво тез-тез тағйир ёфта меистад (расми 6). Обу ҳавои баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Чӣ хел будани обу ҳаво аз рӯйи аломатҳои он муайян карда мешавад. Ҳарорати ҳаво, абрнокӣ, боришот, бод аломатҳои обу ҳаво номида мешаванд.

**Аломатҳои шартии ҳодисаҳои обу ҳаво**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ○ | Ҳаво кушод | ❄ | Барф |
| ● | Ҳаво абрнок |  | Борон |
| ◑ | Ҳаво нимабр | | |

Барои донистани чӣ хел будани обу ҳаво онро мушоҳида кардан лозим. Маълумотҳо ба «Дафтари корӣ» навишта мешаванд.

Аломатҳои обу ҳаво бо асбобҳои гуногун чен карда мешавад. Ҳарорати ҳаво бо термометр (расми 7), миқдори боришот бо асбоби ченаки боришот чен карда мешавад.




Расми 6. *Ҳолатҳои обу ҳаво: 1 — ҳаво кушод; 2 — ҳаво вайрон шуд; 3 — борон меборад; 4 — дарахтзорро туман пӯшонид.*

Ҳангоми гарм шудани ҳаво симоби дaруни найчаи термометр васеъ шуда, ба боло бардошта мешавад.

Симоб ба кадом рақами шкала баромада истад, ҳарорати ҳаво ҳамон дараҷа мешавад.




Расми 7. *Бо термометрҳо:*
*1 — ҳарорати ҳаво санҷида мешавад;*
*2 — ҳарорати об санҷида мешавад;*
*3 — ҳарорати бадан санҷида мешавад.*

Ҳаво гарм бошад, ба пеши рақам аломати «+», хунук бошад, аломати «—» гузошта мешавад.

## Кори амалӣ

Бо термометр ҳарорати ҳаворо чен кунед.

Чанд дараҷа будани ҳарорати ҳаворо ба «Дафтари корӣ»-атон қайд кунед.

**Калимаҳои асосӣ:** обу ҳаво, аломатҳои обу ҳаво, ҳарорат, боришот, абрнокӣ, термометр, дараҷа.

## Саволҳо

1. Обу ҳаво гуфта чиро мефаҳмед?
2. Кадом аломатҳои обу ҳаворо медонед?
3. Бо термометр чиро чен мекунанд?

## Супориш

Чӣ хел шудани обу ҳаворо аз имрӯз сар карда, то дарси дигар ба «Дафтари корӣ» навишта биёед.

## Аломатҳои обу ҳаво

- Дуд ба боло рост барояд, обу ҳаво тағйир намеёбад.
- Шаб шабнам, қирав ғафс афтад, рӯзи дигар ҳаво кушод мешавад.
- Агар субҳгоҳон офтоб ба ранги сурх шуоъпошӣ кунад, боду ҳаво тағйир хоҳад ёфт.

# ТИРАМОҲИ КИШВАРИ МО



## § 4. ФАСЛҲОИ СОЛ

Дар диёри мо ҳар сол чор фасл бо навбат иваз мешавад. Ин фаслҳо: баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон (расми 8). Обу ҳавои ҳар фасл аз якдигар фарқ мекунанд.

Ранги растаниҳо ҳам дар ҳар фасл гуногун аст.

Ивазшавии фаслҳо ба Офтоб вобаста аст. Нуре, ки аз Офтоб меояд, рӯйи Заминро равшан карда, гарм мекунад. Агар Офтоб нур намепошид, рӯйи Замин торик ва ху-




Расми 8. *Фаслҳои сол: 1 — баҳор; 2 — тобистон; 3 — тирамоҳ; 4 — зимистон.*

нук мешуд. Дар Замин ҳаёт намешуд, растаниҳо намесабзиданд.

Обу ҳаво ҳам ба Офтоб вобаста аст. Тобистон Офтоб баланд буда, нури он ба рӯйи Замин рост меафтад. Рӯзҳо дароз ва гарм мешаванд.

Зимистон Офтоб баланд намебарояд, нури он нишеб меафтад. Барои ҳамин ҳам рӯз кӯтоҳ, шаб дароз ва ҳаво хунук мешавад (расми 9).

Дар фаслҳои тирамоҳ ва баҳор баландии Офтоб миёна мешавад. Аз ин рӯ, рӯзҳо гарм ҳам намешавад, сахт хунук ҳам намешавад.




Расми 9. *Ҳолати Офтоб дар тобистон тирамоҳ, баҳор ва зимистон*

**Калимаҳои асосӣ:** Офтоб, фаслҳои сол, баҳор, тобистон, тирамоҳ, зимистон.

### Саволҳо

1. Дар диёри мо ҳар сол кадом фаслҳо иваз шуда меоянд?
2. Фаслҳо аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
3. Офтоб барои мо чӣ аҳамият дорад?
4. Сабаби ивазшавии фаслҳо дар чист?

### Супориш

Ба «Дафтари корӣ» ҷадвали зеринро кашед. Номи моҳҳои ҳар як фаслро нависед.

| Зимистон | Баҳор | Тобистон | Тирамоҳ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## § 5. НЕЪМАТҲОИ ТИРАМОҲ

Тирамоҳ дар республикаи мо кишти полизӣ, меваҳои шаҳду шакар, тарбузу харбуза мепазанд. Пахта мешукуфад.

Деҳқонон, боғбонҳо ҳосили парвариш кардаро ғунучин карда мегиранд.

Фасли тирамоҳ аз моҳҳои сентябр, октябр, ноябр иборат аст.

Тирамоҳ дар мамлакати мо фасли пухтупаз аст. Дар боғҳо ангур, себ, нок, биҳӣ, анор ва дигар меваҳо мепазанд (расми 10).



Расми 10. *Меваҳои шаҳду шакари кишвари мо*

Дар саҳроҳо бошад, аз кишти полизӣ харбуза, тарбуз, каду; аз кишти сабзавот картошка, сабзӣ, пиёз, шалғам, карам пухта мерасанд (расми 11).

Ҳамаи инҳо неъматҳои тирамоҳ мебошанд.

Агар онҳо то фарорасии зимистон ғунучин карда нашаванд, хунук зада нобуд мешаванд.



Расми 11. *Дар полизи тарбуз ва харбуза*

Барои то зимистон нигоҳ доштан меваҳо аз дарахт дона-дона чинда мешаванд (расми 12).

Баъд сара карда шуда, эҳтиёткорона ба қуттиҳо ҷой дода ба анборхонаҳои салқин тахт карда мешаванд.

Пахта яке аз боигариҳои асосии халқи мо аст. Он киште аст, ки меҳнати бисёр талаб мекунад. Пахтаро убол накарда ғунучин кардан лозим (расми 13). Ҳосили пахта дар зери борону барф монад, сифати он



Расми 12. *Мевачинӣ дар боғ*

паст мешавад. Аксарият киштҳои сабзавотро аз замин кофта мегиранд ва тоза мекунанд.

Онҳо дар анборхонаҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд. Картошка, сабзӣ, турб, шалғамро дар чағораҳо ҳам нигоҳ доштан мумкин. Баъди ғунучини кишт замин шудгор карда мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** моҳҳои тирамоҳ, боғ, пахта, кишти полизӣ, сабзавот, шудгор.

## Саволҳо

1. Фасли тирамоҳ аз кадом моҳҳо иборат аст?



Расми 13. *Пахтачинӣ бо машинаҳо.*

**2.** Дар фасли тирамоҳ кадом меваҳо мепазанд?
**3.** Барои чӣ меваҳоро нигоҳ медорем?

## Супориш

Ҷадвали зеринро ба «Дафтари корӣ» кашед ва ба зери меваҳо номи мева, ба зери кишти полизӣ номи киштҳои полизӣ ва ба зери сабзавот номи сабзавотро нависед.

| Меваҳо | Сабзавот | Кишти полизӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

## § 6. МЕҲНАТИ ФОИДАНОКИ ИҶТИМОӢ

Мо ҳар рӯзи шанбе парта, мизу курсиҳои синфамонро пок карда, фаршро мешӯем. Гулҳои синфро парвариш мекунем, ба онҳо об мерезем. Баъди он ҳавлии мактабро мерӯбем.

Хонандагони синфҳои болоӣ бошанд, бо корҳои фоиданок, аз қабили ғунучини мева ва сабзавоти боғи мактаб, рӯфтани хазон ва шоху шибба, нарм кардани бехи дарахтҳо машғул мешаванд.

Дар мамлакати мо дар фаслҳои тирамоҳ ва баҳор ҳашарҳои умумихалқӣ гузаронида мешаванд. Рӯзи ҳашар тамоми аҳолии маҳаллаҳо бо ҳамҷиҳатӣ кӯча ва ҷӯйборҳоро тоза мекунанд, шоххҳои хушкшудаи дарахтҳоро мебуранд.

Дар баробари аҳлона меҳнат кардани ҳамаи одамон бисёр корҳо иҷро карда мешавад. Дар натиҷа, маҳаллаҳо боз ободтар мешаванд.

Ин хел корҳоро меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ мегӯянд (расми 14). «Меҳнат роҳат аст» мегӯяд мардум.



Расми 14. *Меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ*

**Калимаҳои асосӣ:** меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ, ҳашари умумихалқӣ.

## Саволҳо

1. Рӯзи шанбе, баъди дарс кадом корҳоро иҷро мекунед?

2. Дар ҳавлии мактаб кадом корҳоро ба амал мебароред?
3. Хонандагони синфҳои болоӣ дар боғи мактаб бо кадом корҳо машғул мешаванд?
4. Дар маҳалла кадом меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ иҷро мешавад?

**Супоришҳо**

1. Расмҳоро бодиққат аз назар гузаронед. Гӯед, ки хонандагон бо кадом корҳо машғуланд.
2. Ба «Дафтари корӣ» мақолҳои оид ба меҳнатро нависед.

## § 7. ҲАЁТИ ҲАЙВОНОТ ВА ҲАШАРОТ ДАР ТИРАМОҲ

Дар рӯйи Замин намуди ҳашарот хеле зиёд аст. Онҳо асосан дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд. Дар об кам ҳашарот умр ба сар мебарад.

Ҳашарот ҳам фоиданок ва ҳам зарарнок мешавад. Малах ба кишт, бутта ва дарахтҳо зарари калон мерасонад. Ҳашароти аз қабили магас, пашша, кайк касалӣ паҳн мекунанд. Лекин, ҳашароти фоиданок ҳам

бисёранд. Оруи асал ҳангоми ҷамъоварии асал гулҳои себ, нок, шафтолу ва дигар дарахтҳоро гардолуд мекунад (расми 15).

Гулҳои гардолудшуда мева мебанданд. Асал хеле бомаза аст. Кирми абрешим бошад, абрешим тайёр мекунад. Гамбуски какана кирмҳои зарарнокро мехӯрад. Мӯрчаҳо заминро мулоим карда, барои ҳосилхез шуданни он ёрӣ мерасонад.




Расми 15. *Ҳашарот:*
*1 — мӯрча; 2 — сӯзанак; 3 — шабпарак; 4 — малах.*

Ҳашарот, асосан, тӯда-тӯда шуда зиндагӣ мекунанд.

Мӯрчаҳо, занбӯрҳо, оруҳои асал аз ҷумлаи ҳаминҳо мебошанд (расми 16).

Лонаҳои онҳо бисёрхонагӣ буда, дар як хона модар-мӯрча зиндагӣ мекунад. Озуқа дар дигар хона, тухми онҳо боз дар дигар хона мешавад.

Корҳо ҳам дақиқ тақсим карда мешавад. Модар-мӯрча тухм мегузорад. Мӯрчаҳои корӣ ғизо мекашонанд, онҳоро тоза мекунанд, пӯсида ва пӯчоқҳоро аз хона берун мебаро-



Расми 16. *Хонаи мӯрча*

ранд. Мӯрчаҳои ҷангӣ модар-мӯрчаро, мӯрчаҳои корӣ тухмҳо, хона ва ғизои ҷамъовардаро посбонӣ мекунанд.

Бисёр ҳашарот зимистон дар хонаҳои худ то аввали баҳор хоб мераванд. Барои ҳамин, онҳо тирамоҳ барои зимистон ғизо ҷамъоварӣ мекунанд.

**Калимаҳои асосӣ:** ҳашарот, ҳашароти фоиданок ва зарарнок, модар-мӯрча, мӯрчаҳои корӣ ва ҷангӣ.

## Саволҳо

1. Кадом ҳайвоноти биёбонро медонед?
2. Кадом ҳайвоноти кӯҳсоррро медонед?
3. Кадом ҳашароти фоиданокро медонед?
4. Кадом ҳашароти зарарнокро медонед?

## Супоришҳо

1. Мӯрчаҳоро мушоҳида кунед. Муайян намоед, ки онҳо ба хона чӣ мекашонанд, аз хона чиро мебароранд. Ба «Дафтари корӣ» нависед.
2. Расми намуди берунии хонаи мӯрчаро кашед.

## § 8. ПАРРАНДАҲОИ КИШВАРИ МО

Паррандаҳо барои зиндагӣ дар шароитҳои гуногун мувофиқ шудаанд.

Пат, устухонҳои холӣ ва коvоки онҳо барои муддати дароз дар осмон парвоз карда гаштан ёрӣ мерасонад. Паррандаҳо ба ҷойҳои дур парвоз карда метавонанд.

Дар кишвари мо ҳам паррандаҳои гуногун ҳастанд. Дар мамлакати мо ҳамагӣ 410 намуди парранда дучор меояд. Баъзе паррандаҳо дар об нағз шино мекунанд. Чунки дар миёни панҷаи онҳо парда ҳаст. Ҳамаи паррандаҳо дар ҷойҳои ба об наздик лона мегузоранд.

Паррандаҳо ба гурӯҳҳои ҳашаротхӯр, донхӯр, дарранда, ҳаммахӯр ҷудо мешаванд.

Нӯли паррандаҳо вобаста ба чӣ хӯрдани онҳо ҳар хел мебошанд (расми 17). Панҷа, нохун, пойҳои онҳо ҳам вобаста ба ҷойи зист ва хӯроки онҳо аз ҳам фарқ мекунад.

Нӯл ва пойҳои паррандаҳои обӣ дароз аст. Нӯли паррандаҳои ҳаммахӯр кӯтоҳ аст.



Расми 17. *Нӯли паррандагони гуногун*

Мурғобӣ ва ғоз паррандаҳои дар об шинокунанда мебошанд (расми 18).

Панҷаҳои паррандаҳои дарранда бақувват, нохуни онҳо ба дарун хам, тез мешавад (расми 19).

Тирамоҳ рӯзҳо хунук шуда, ҳашарот кам мешавад. Аз ин сабаб, лаклак, турна, фароштурук, бедона, булбул ва дигар паррандаҳо ба кишварҳои гарм парида мераванд.

Баъзе паррандаҳо дар зимистон ҳам парида намераванд. Онҳо гунҷишк, мусича,



Расми 18. *1 — ғоз; 2 — панҷаи паррандаҳои дар об шинокунанда; 3 — мурғобӣ.*



Расми 19. *Паррандаҳои дарранда: 1 — уқоб; 2 — бум.*




Расми 20. *1 — зоғи ало; 2 — зоғи сиёҳ.*

кабӯтар, майна ва ҳоказо. Ба кишвари мо тирамоҳ зоғ парида меояд. Зоғҳо бо тухмҳои дар киштзор монда, моҳиҳои майдаи кӯлмакҳо, кирмҳои қабати хок рӯз мегузаронанд (расми 20).

Паррандаҳо фоидаи калон доранд. Онҳо кирмҳо, мушҳоро хӯрда, паҳншавии касалиҳоро пешгирӣ мекунанд. Паррандаҳоро эҳтиёт кардан лозим.

**Калимаҳои асосӣ:** ғизогирии паррандаҳо, ҳашаротхӯр, донхӯр, дарранда (гӯштхӯр), ҳаммахӯр (ҳама чизро мехӯранд), парида рафтан, парида омадан.

### Саволҳо

1. Дар кишвари мо паррандаҳо аз чӣ ғизо мегиранд?
2. Аз паррандаҳое, ки зимистон парида меранд, кадомашро медонед?
3. Тирамоҳ кадом паррандаҳо ба кишвари мо парида меоянд?
4. Паррандаҳо чӣ фоида доранд?

### Супоришҳо

1. Паррандаҳои атрофро мушоҳида кунед.
2. Ба «Дафтари корӣ» навишта монед, ки аз кишвари мо кадом парранда, кадом вақт парида меравад ва кадом парранда, кадом вақт парида меояд.

## § 9. БА ЗИМИСТОН ТАЙЁР ШУДАНИ РАСТАНИҲО

Растаниҳо дар се намуд мешаванд. Инҳо алафҳо, буттаҳо ва дарахтҳо (расми 21). Тирамоҳ фаро расида, рӯзҳо хунук шавад, баргҳои алаф, бутта ва дарахтҳо зард мешаванд.

Сабаб дар он, ки ба туфайли хунук шудани рӯзҳо растаниҳо ба воситаи реша аз



Расми 21. *Алафҳо, буттаҳо, дарахтҳо*

замин баробари об ғизо гирифта наметавонанд. Дар натиҷа баргҳо зард шуда, мерезанд.

Ин — аз тайёрии дарахтҳо ба зимистон дарак медиҳад. Зард шуда, рехтани барги дарахт ва буттаҳо хазонрезӣ номида мешавад (расми 22).

Бинобар ба хунукӣ ҳар хел будани тобоварии дарахтҳо барги онҳо ҳеҷ гоҳ дар як вақт намерезад. Аввал барги чормағз, баъд зардолу, олуча ва биҳӣ мерезад.

Тирамоҳ баргҳои чинор, биҳӣ ҷигарранг шуда мерезанд. Баргҳои заранг, зардолу сурхтоб шуда, баъд мерезанд.



Расми 22. *Намуди тирамоҳии дарахтҳо*

Дар баъзе ҷойҳо ҳангоми баргрезӣ дар тирамоҳ, онро месӯзонанд. Ин хел кардан мумкин нест. Чунки дуди хазон ҳаворо ифлос мекунад, ба саломатии одам сахт таъсир мерасонад.

Баъди рехта шудани барги дарахтҳо шохи онҳо шакл дода шуда, бехи онҳо нарм карда, поруҳои маҳаллӣ андохта мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** растанӣ, алаф, бутта, дарахт.

### Саволҳо

1. Алаф, бутта ва дарахтҳо аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд? Аз рӯйи расм нақл кунед.
2. Барои чӣ барги дарахтҳо зард мешавад ва мерезад?
3. Барои чӣ барги дарахтҳои гуногун дар як вақт намерезад?
4. Чаро баргҳоро месӯзонанд?

### Супоришҳо

1. Ҳар рӯз вақти аз мактаб баргаштан дарахтҳоро мушоҳида кунед. Муайян намоед, ки кадом дарахт ба кадом ранг даромадааст.
2. Аз баргҳои гуногунранг як донагӣ гирифта, ба даруни «Дафтари корӣ» гузоред ва барги кадом дарахт будани онро навишта монед.

## § 10. ТАЙЁР КАРДАНИ ГЕРБАРИЙ

*(Кори амалӣ дар ҳавлии мактаб)*

Гербарий — намунаи хушк кардашудаи растанӣ. Алаф, реша, тана, баргҳои он пурра гирифта, гербарий тайёр карда мешавад. Барои ин, коғази андозаи дарозиаш 40 см ва бараш 30 см дуқат карда мешавад. Ба даруни коғази дуқатшуда алаф якҷоя



Расми 23. *Гербарий ҳамин хел тайёр карда мешавад*

бо реша, тана, барг гузошта шуда, ширеш карда мешавад (расми 23). Номи алаф, барои чӣ зарур будани он, дар куҷо сабзидан ва меваи он навишта мешавад.

Кӣ, кай, дар куҷо тайёр кардани гербарийро ҳам навиштан лозим.

Аз гербарий ҳангоми гузаштани баъзе мавзӯъҳои китоби «Шиносоӣ бо муҳити зист» чун аёният истифода бурдан мумкин.

Гербарий — маълумотнома дар бораи растаниҳо. Касоне, ки растаниҳоро меомӯзанд,

растанӣ набошад, онро аз гербарий меомӯзанд.

Дар институти «Генофонди олами растанӣ ва ҳайвонот»-и Ӯзбекистон қариб якуним миллион гербарий мавҷуд. Аз онҳо растаниҳои зиёдро омӯхтан мумкин.

**Калимаҳои асосӣ:** гербарий, тана, реша, меваи растанӣ.

### Саволҳо

1. Гербарий чӣ хел тайёр карда мешавад?
2. Гербарий барои чӣ даркор?
3. Аз гербарий дар куҷо, киҳо истифода мебаранд?

### Супоришҳо

1. Ба хона рафта, аз растаниҳои ҳавлӣ ва атрофи ҳавлӣ гербарий тайёр кунед.
2. Аз баргҳои рехта шаклҳои шабпарак ва сӯзанакро бо роҳи аппликатсия созед.

## § 11. ДАР БОРАИ КАСБУ КОР

Бачаҳо, ба саволи одамон чизҳои ба худ даркорро аз куҷо мегиранд, шумо албатта аз табиат гуфта ҷавоб медиҳед. Ҳа, аз

табиат мегирад. Лекин аз табиат дар кадом шакле бошад, ҳамон тавр гирифта истифода намебарад. Онро аз нав кор мекунад ва ба ҳоли зарури меорад. Ба ин масалан, нонро гирифта мебинем.

Нон дар табиат дар ҳоли нон намешавад. Барои он деҳқон ба замин гандум мекорад. Гандум пазад, онро даравида, кӯфта аз он орд тайёр мекунанд. Аз орд нонвойҳо хамир карда, нон мепазанд.

Мошинҳоро, ки дар кӯчаҳо равонанд, самолетҳоро, ки дар осмон дар парвозанд, киштиҳоро, ки дар баҳру уқёнусҳо шино мекунанд, коргарон-ҳунармандон аз ашёҳои табиӣ месозанд.

Бачаҳо, китобҳоеро, ки шумо мехонед, ҳамчунин одамон навишта, баъд дар дастгоҳҳои китобчопкунӣ нашр кардаанд. Бинои мактабатонро ҳам одамон сохтаанд.

Меваҳои гуногунро ҳам, ки мо ҳар рӯз истеъмол мекунем, одамон — боғбонҳо парвариш мекунанд.

Ана ҳамин тавр ягон чизро парвариш карда ва ягон чизро истеҳсол кардан касб

номида мешавад. Касби муаллим ва мураббӣ ҳам хеле заруранд.

Одамон касбҳои ҳархелаoriginal соҳиб мешаванд. Ҳамин тавр, ҳамаи одамон ба якдигар вобаста мешаванд ва ба якдигар ёрӣ мерасонанд. Дар замони ҳозира дигар хел зиндагӣ карда намешавад. Шумо ҳам хуб хонда, дар оянда ба касби барои одамон нафъовар соҳиб шавед.

**Калимаҳои асосӣ:** касб, деҳқон, боғбон, нонвой, коргар, муаллим, нависанда.

## Саволҳо

1. Одамон чизҳои ба худ зарурро аз куҷо мегиранд?
2. Барои аз гандум нон тайёр кардан чӣ кор карда мешавад?
3. Меваҳои гунгогунро соҳибони кадом касб парвариш мекунанд?
4. Муаллим бо кадом кори худ ба одамон нафъ меорад?

## Супоришҳо

Дониста гиред, ки падар ва модари шумо соҳиби кадом касб мебошанд ва барои чӣ ҳамин касбро интихоб кардаанд?

# МОДАР — ЗАМИНИ МО



## § 12. ЗАМИН — САЙЁРА

Замине, ки мо зиндагонӣ мекунем — сайёра аст. Он яке аз ҳашт сайёраҳоест, ки дар атрофи Офтоб давр мезанад. Замин ба намуди кураи хеле калон соҳиб аст.

Даври кураи Замин 40 ҳазор километр аст. Сохти дарунии Замин ба сохти тухм монанд аст. Қисми сатҳи заминро қабати сахти замин пӯшонида аст. Дар зери он қабати ғафс ва гарм — мантия чойгир мебошад. Аз он чуқуртар ядро (мағзи Замин), ки зич вазнин ва тасфон аст, мехобад

(расми 24). Масофаи байни сатҳи Замин то маркази Замин ба ҳисоби миёна ба шаш ҳазору сесаду шаст километр баробар аст.




Расми 24. *Сохти дарунии Замин.*

Барои хуб омӯхтани Замин шакли хеле хурдкардашудаи он — глобус офарида мешавад. Дар глобус хушкӣ, баҳр ва уқёнусҳо, ҳамвориҳои калон ва кӯҳҳои сатҳи Замин бо рангҳои гуногун тасвир меёбад (расми 25).

Якумин глобусро дар ҷаҳон бобои мо олими бузург Абӯрайҳон Берунӣ ҳазор сол пеш аз ин офаридааст.

**Калимаҳои асосӣ:** сайёра, пӯсти Замин, мантия, ядро, глобус.




Расми 25. *1 — Намуди Замин аз кайҳон;*
*2 — глобус.*

## Саволҳо

1. Замин дорои кадом шакл аст?
2. Қисми дарунии Замин чӣ хел сохта шудааст?
3. Глобус чист, дар он чиҳо тасвир шудаанд?
4. Якумин глобусро кӣ офаридааст?

## Супориш

Намуди Заминро аз кайҳон ва дар глобус муқоиса кунед. Ҷиҳатҳои монанд ва фарқи онҳоро муайян намоед.

## § 13. ҲАРАКАТИ ЗАМИН

Замин чун дигар сайёраҳо дар атрофи Офтоб давр мезанад. Замин дар атрофи Офтоб дар сесаду шасту панҷ рӯз як маротиба пурра давр мезанад (расми 26).



Расми 26. *Давр задани Замин дар гирди Офтоб, Моҳ дар гирди Замин.*

Ин вақтро мо 1 сол мегӯем.

Замин ҳамчунин дар атрофи меҳвари худ низ давр мезанад. Замин дар атрофи меҳвари худ дар як шабонарӯз, яъне 24 соат як маротиба давр зада мебарояд.

Дар ин вақт шаб ва рӯз иваз мешаванд, ки ин вақтро шабонарӯз ном додаанд.

Моҳро ҳамаи шумо дидаед. Моҳ — мадори табиии Замин аст. Он дар атрофи Замин давр мезанад (расми 26). То гирди Офтобро як маротиба давр зада баромадани Замин,



Расми 27. *Офтоб.*



Расми 28. *Моҳ.*

Моҳ атрофи Заминро 12 маротиба давр мезанад. Бинобар ин сол ба 12 моҳ тақсим мешавад. Фарқи Моҳ аз Офтоб дар ҳамин аст, ки он нур намепошад. Нури аз Офтоб омадаро инъикос мекунад (расмҳои 27 ва 28).

Як тарафи нури Офтоб равшан мекунад. Тарафи дуюмаш торик ва ба мо нонамоён аст. Барои ҳамин Моҳ ҳар хел шакл дорад.

**Калимаҳои асосӣ:** Замин, Моҳ, Офтоб, сол.

## Саволҳо

1. Замин дар атрофи Офтоб дар чанд рӯз як маротиба давр мезанад?

2. Ҳангоми дар атрофи меҳвари худ давр задани Замин кадом ҳодиса рӯй медиҳад?
3. Барои чӣ Моҳ ба мо ҳар хел намоён мешавад?

**Супориш**

Ҳар хел намоён шудани Моҳро мушоҳида кунед ва кадом рӯз чӣ хел намоён шудани онро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 14. ВОҲИДҲОИ ЧЕНАКИ ВАҚТ

Асоси ҳисоби вақт ҳаракати Замин дар атрофи меҳвари худ ва Офтоб аст.

Вақти дар атрофи меҳвари худ як маротиба давр задани Замин, шабонарӯз номида мешавад.

Вақти дар атрофи Офтоб як маротиба давр задани Замин, сол номида мешавад. 1 сол ба 12 моҳ, моҳ ба ҳафтаҳо тақсим мешавад. Як ҳафта 7 рӯз аст (расми 29).

Ҳар моҳ ба худ ном дорад.

Як шабонарӯз ба 24 соат тақсим мешавад. Ҳар як шабонарӯз аз нисфи шаб, яъне аз соати 24 оғоз меёбад. Барои дақиқ донистани вақт ҳар як соат ба 60 дақиқа




Расми 29. *Сол ва моҳ, рӯзҳои ҳафта.*

тақсим мешавад. Ҳар як дақиқа дар навбати худ ба 60 сония тақсим мешавад.

Тартиби муайян кардан, муқаррар намудани вақт сана гуфта мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** сол, моҳ, ҳафта, рӯз, шабонарӯз, соат, дақиқа, сония, сана.

**Саволҳо**

1. Ба ҳисоби вақт чӣ асос карда шудааст?

2. Дар як ҳафта чанд рӯз ҳаст? Рӯзҳои ҳафта чӣ ном доранд?
3. Як сол аз чанд моҳ иборат аст? Онҳо чӣ ном доранд?
4. Кадом вақтро шабонарӯз мегӯем?

**Супоришҳо**

1. Ҳар яки Шумо аз падару модаратон кадом сол, кадом моҳ, кадом рӯз ва кадом вақт таваллуд шудани худро пурсида гиред.
2. Дар мамлакати мо кадом идҳо дар кадом моҳу кадом рӯз шуданашро дониста ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 15. СОХТИ САТҲИ ЗАМИН

Замин дорои шакли кураи хеле калон мебошад. Бинобар хеле калон будани он, сатҳи он ба мо ҳамвор намоён мешавад. Вале сатҳи Замин дар ҳама ҷой ҳар хел аст. Дар рӯйи Замин кӯҳҳои ба ҳазорҳо километр тӯлкашида, ҳамвориҳо, ҷойҳои обдор ва беоб ҳастанд (расми 30).

Сатҳи замини Ӯзбекистон ҳам як хел нест. Тарафи офтоббаро — шарқро кӯҳҳои баланди барфӣ, водиҳо ишғол кардаанд.




Расми 30. *Сохти сатҳи Замин:*
*1 — кӯҳ; 2 — ҳамворӣ; 3 — об; 4 — дашт.*

Дар тарафи офтобшин — ғарб ҳамвориҳои иборат аз дашт, теппаҳои паҳнрӯ, кӯҳҳои паст ҷойгир шудаанд.

Кӯҳ, ҳамворӣ ва теппа ба худ ном дорад. Кӯҳҳои шарқ Тяншон, Туркистон ва Ҳисор ном доранд. Қуллаҳои онҳо тобистон ҳам бо барфу пиряххо пӯшидаанд.

Калонтарин ҳамворӣ дар мамлакати мо пастҳамвории Тӯрон мебошад. Қисми калони онро дашти Қизилқум ишғол кардааст.

Ба ҳамвориҳои иборат аз дашт ва водиҳои васеъ об баровварда, киштзор ва боғҳо бунёд шудаанд.

**Калимаҳои асосӣ:** кӯҳ, ҳамворӣ, теппа, пастҳамворӣ, шарқ, ғарб.

**Саволҳо**

1. Дар кӯҳҳо сатҳи Замин дар кадом намуд мешавад?
2. Дар ҳамворӣ одамон бештар ба кадом корҳо машғул мешаванд?
3. Кадом кӯҳ ва ҳамвориҳои Ӯзбекистонро медонед?

## Супоришҳо

1. Дар маҳалли зисти Шумо сатҳи Замин чӣ хел: кӯҳсор ё ҳамворӣ? Омӯхта биёед.
2. Номи ҳайвонот, киштҳо ва дарахтҳои мевагии маҳалли зисти худро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

# § 16. ОБ — МАНБАИ ҲАЁТ

Обро мӯъҷизаи табиат гуфтан мумкин. Ҷое, ки об ҳаст, он ҷо ҳаёт ҳаст, мегӯянд. Воқеан ҳам ҳамин хел (расми 31).

Дар рӯйи Замин об хеле бисёр. Аз се ду қисм бештари рӯйи Заминро об иҳота кардааст. Лекин, дар рӯйи Замин даштҳое ҳам ҳастанд, ки об хеле кам аст.

Бештар аз нисфи ҳудуди Ватани мо — Ӯзбекистон ҳам аз даштҳо иборат.

Об дар ҷӯй ва дарёҳо ҷорӣ мешавад, дар кӯл, баҳр ва уқёнусҳо мешавад.

Оби дар ҳолати ях буда дар кишварҳои хунук сатҳи Заминро пӯшонидааст.

Барфҳои кӯҳҳои баланд дар баҳор ва тобистон об шуда, дар ҳоли ҷӯйборҳо ба дарёҳо мерезанд. Сатҳи обҳои баҳр ва уқёнусҳо

зери таъсири нури Офтоб гарм шуда, ба буғ табдил ёфта, ба ҳаво бардошта мешаванд.



Расми 31. *Ҷое, ки об ҳаст, он ҷо ҳаёт ҳаст*

Баъд ба абр табдил меёбад, аз абр борон ё барф шуда, боз ба замин меборад.

Барфе, ки фасли зимистон ба кӯҳҳо меборад, бо фарорасии баҳор об шуда, ба дарё, сой ва ҷӯйҳо ҷорӣ шуда меоянд. Мо ин обро менӯшем, киштро обёрӣ мекунем.

Аҷдоди мо обро сарфакорона истифода мебурданд.

Аз об самаранок истифода бурда, боғҳо, киштзорҳо бунёд намудаанд.

Мо ҳам обро бояд ифлос накарда, сарфа намуда, самаранок истифода барем.

**Калимаҳои асосӣ:** баҳр, дарё, сой, кӯл, ҷӯй, об, барф, ях, буғ.

## Саволҳо

1. Кадом дарё, кӯл, сой ва ҷӯйҳои маҳаллаатонро медонед?
2. Шумо аз об чӣ хел истифода мебаред?
3. Ба дарёҳо об аз куҷо меояд?

## Супориш

Барои кадом мақсадҳо сарф шудани обро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 17. Тестҳо барои санҷиши дониши дар нимсолаи 1-ум гирифтаатон

**1. Муҳити зист чист?**

А) Осмон.

Б) Замин.

В) Офтоб ва Моҳ.

Г) Ҳамаи он чизҳое, ки моро иҳота кардаast.

**2. Одам чанд узви ҳис дорад?**

А) Дуто. Б) Сето.

В) Чорто. Г) Панҷто.

**3. Об дар табиат дар чанд ҳолат вомехӯрад?**

А) Се ҳолат. Б) Чор ҳолат.

В) Як ҳолат.

Г) Панҷ ҳолат.

**4. Чиро обу ҳаво мегӯянд?**

А) Боридани боронро.

Б) Боридани барфро.

В) Ҳавои хунукро.

Г) Ҳолати ҳаворо дар фурсати кӯтоҳ.

**5. Термометр чист?**

А) Асбобе, ки ҳарорати ҳаво, об, баданро чен мекунад.

Б) Асбобе ки дарозиро дар замин чен мекунад.

В) Асбобе, ки вазнро чен мекунад.

Г) Асбобе, ки ба метрҳо тақисм шудааст.

**6. Иваз шудани фаслҳои сол ба чӣ вобаста аст?**

А) Ба гарм ё хунук шудани рӯз.

Б) Ба шамол.

В) Ба Офтоб.

Г) Ба бисёр ё кам боридани боришот.

**7. Тирамоҳ чӣ хел фасл аст?**

А) Тирамоҳ фасли ғунучини ҳосил.

Б) Фасли пухтани меваҳои шаҳду шакар.

В) Фасли шукуфтани пахта.

Г) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст.

**8. Ҳашар чист?**

А) Аксарият шуда корро иҷро кардани аҳолӣ.

Б) Кори худро иҷро кардани ҳар кас.

В) Ба ҳамдигар ёрӣ додани бачаҳо.

Г) Ба ҳамдигар бозӣ кардани бачаҳо.

**9. Ҳашаротҳои фоиданокро муайян кунед.**

А) Оруи асал, гамбуск. Б) Малах.

В) Парвона. Г) Сӯзанак.

**10. Оруи асал чӣ фоида дорад?**

А) Баҳорон аз гул ба гул парида мегардад.

Б) Гулҳои меваҳоро гардолуд мекунад.

В) Ҳеҷ гуна фоида надорад.

Г) Одамонро мегазад.

**11. Паррандаҳо ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд?**

А) Ба 2 гурӯҳ. Б) Ба 3 гурӯҳ.

В) Ба 4 гурӯҳ.

Г) Ба гурӯҳҳо тақсим намешавад.

**12. Барои чӣ як сол ба 365 рӯз тақсим мешавад?**

А) Барои он, ки як сол ба чор фасл тақсим шудааст.

Б) Барои он, ки Замин дар атрофи Моҳ давр мезанад.

В) Барои он, ки сол аз 12 моҳ иборат аст

Г) Барои он, ки Замин дар атрофи Офтоб дар 365 рӯз як маротиба давр мезанад.

**13. Барои чӣ Моҳ ба мо ҳар хел менамояд?**

А) Барои он, ки худи Моҳ нур намепошад.

Б) Барои он, ки мо қисми аз тарафи нури Офтоб равшаншудаи Моҳро мебинем.

В) Барои он, ки Моҳ ҳар хел шакл дорад.

Г) Барои он, ки Моҳ дар торикӣ дида мешавад.

**14. Як ҳафта аз чанд рӯз иборат?**

А) Аз 5 рӯз. Б) Аз 6 рӯз.

В) Аз 7 рӯз. Г) Аз 8 рӯз.

**15. Дар кадом тарафи мамлакати мо кӯҳҳо ҳастанд?**

А) Дар тарафи Ғарб.

Б) Дар тарафи Шарқ.

В) Дар тарафи Ҷануб.

Г) Дар тарафи Шимол.

# ЗИМИСТОНИ КИШВАРИ МО



## § 18. ЗИМИСТОН

Декабр, январ ва феврал моҳҳои зимистон мебошанд. 22 декабр дар осмон ҳолати наздиктарини Офтоб ба уфуқ мушоҳида мешавад. Ин рӯз, рӯзи зимистонии истодани Офтоб гуфта мешавад.

Зимистон ҳаво аксаран абрнок мешавад. Нурҳои Офтоб нишеб афтида Заминро чандон гарм намекунад. Тез-тез барф меборад.

Баъзан рӯзҳо хунук шуда, ҳарорати ҳаво аз 0°С паст шуда меравад, сатҳи Заминро



Расми 32. *Завқи зимистон*

барф мепӯшонад, оби кӯлу дарё ва ҷӯйҳо ях мебандад (расми 32).

Зимистон барфи зиёд борад, тобистон об бисёр мешавад. Фасли зимистон фақат хунук не, рӯзҳои мӯътадили офтобӣ ҳам мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** зимистон, декабр, январ, феврал, уфуқ, дарё, сой.

**Саволҳо**

1. Кадом моҳҳоро моҳҳои зимистон мегӯем?
2. Дар зимистон обу ҳаво чӣ хел мешавад?

3. Чаро зимистон дар кӯҳсор барфҳо об намешаванд?

**Супориш**

Рӯзҳои таътили зимистона дар ҷойи зисти худ чӣ гуна тағйир ёфтани обу ҳаворо ба «Дафтари корӣ»-атон навишта монед.

## § 19. МЕҲНАТИ ЗИМИСТОНА

Меҳнати зимистонаи аҳолии шаҳру деҳот фарқ мекунад.

Дар шаҳрҳо одамон дар корхона, устохона, кор мекунанд.

Зимистон рӯзҳои боридани барфи баланд кӯча, ҳавлӣ, майдонҳоро аз барфу ях тоза мекунанд.

Дар деҳот корҳои саҳро андаке кам мешавад, вале дар гармхонаҳо мева ва сабзавоти гуногун, кабудиҳои ҳархела парвариш карда мешавад.

Барои дар баҳор барвақт коридан дар гармхонаҳо бодиринг, помидор, карам ва кӯчати ҳар хел гулҳо парвариш карда мешавад (расми 33).



Расми 33. *Парвариши ниҳол дар гармхона*

Одамон ҳайвоноти хонагиро дар хона ва фермаҳо парвариш мекунанд (расми 34).





Расми 34. *Ҳайвоноти хонагӣ зимистон дар хонаҳо парвариш карда мешавад*

Деҳқонҳо ба саҳро поруҳои маҳаллӣ меандозанд. Заминҳои шӯрхок шуста мешавад.

Канал ва ҷӯйҳо тоза карда мешавад.

Меҳнаткашони деҳот дар зимистон трактор ва дигар машинаҳои чигиткориро ба корҳои кишти баҳорӣ тайёр мекунанд.

**Калимаҳои асосӣ:** корхона, устохона, гармхона, ферма, деҳқон.

## Саволҳо

1. Аҳолии шаҳр зимистон дар куҷо кор мекунад?
2. Деҳқон зимистон чӣ кор мекунад?
3. Дар гармхона чиҳо парвариш меёбанд?

## Супоришҳо

1. Агар дар маҳалли зисти Шумо гармхона бошад, дар он кадом растаниҳо парвариш шуданашро мушоҳида кунед. Номи онҳоро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.
2. Дар корхонаҳои маҳалли зисти шумо чиҳо истеҳсол шуданашро ба «Дафтари корӣ»-атон нависед.

# § 20. ҲАЁТИ ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ ДАР ЗИМИСТОН

Дар замонҳои қадим ҳамаи ҳайвонҳо ба тарзи ёбоӣ зиндагӣ мекарданд.

Одамон баъзе ҳайвонҳоро ба худ ром карда, хонагӣ кардаанд. Аз ҳайвонҳои ёбоӣ қундуз, гавазн барин ҳайвонот акнун ром карда шуда, дар молхонаҳо парвариш меёбанд.

Асп, гов, шутур, гӯсфанд, буз (расми 35); аз паррандагон — мурғ, мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон ва паррандаҳои хушхон зи-




Расми 35. *Ҳайвоноти хонагӣ.*
*1 — модагов; 2 — асп; 3 — буз*

мистон дар ҳавлии одамон дар хонаҳои махсус, фермаҳо парвариш меёбанд.

Барои онҳо дар тобистон ва тирамоҳ ғизо — хошок, дон, ем тайёр карда мешавад.

Зимистон ҳайвоноти хонагӣ ва паррандаҳо дар фермаҳо ва хонаҳои махсус парвариш меёбанд, ки онҳо ҳар гоҳ тоза карда шуда, ҳаво дода мешаванд.

Дар фермаҳои калон корҳои зиёд автоматӣ карда шудааст. Ба саломатии парранда ва молҳо шифокорони махсус — ветеренарҳо нигоҳубин мекунанд. Ба чорво ва паррандаҳо ҳар вақт доруву дармон дода мешавад.

**Калимаҳои асосӣ:** ҳайвоноти хонагӣ, фермаҳо, ветеренарҳо, доруву дармон.

## Саволҳо

1. Шумо дар хона кадом ҳайвонотро парвариш намудаед? Онҳо бо кадом мақсад дар хона парвариш меёбанд?
2. Дар ҷое, ки шумо зиндагонӣ мекунед, кадом ҳайвоноти хонагӣ ҳастанд?
3. Фермаҳои ҷойи зисти шумо кадом ҳайвонҳоро парвариш мекунад?

**Супориш**

Муайян намоед, ки дар маҳалли зисти шумо кадом ҳайвонот ва паррандаҳои хонагӣ ҳастанд. Номи онҳоро ба «Дафтари корӣ» нависед.

## § 21. ҲАЁТИ ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ ДАР ЗИМИСТОН

Барои ҳайвонҳои ёбоӣ зимистон андаке душвор мешавад. Рӯзҳои хунук онҳо маҷбуранд, ки дар ҷустуҷӯи хӯрок шаванд.

Барои ҳамин, онҳо моҳҳои тобистон ва тирамоҳ фарбеҳ шуда бештар равған ҷамъ мекунанд. Вақте ки заминро барфи баланд мепӯшонад, баъзе ҳайвонҳо аз қабили хирс дар хонаҳои зеризаминии худ ба хоб мераванд (расми 36).

Мор, қурбоққа, хорпуштак, сангпушт, мӯрчаҳо, баъзе ҳашарот ҳам зимистон хоб мераванд. Баҳор баробари гарм шудани рӯзҳо онҳо бедор мешаванд ва аз пайи ҷустуҷӯи ғизо шуда, тарзи ҳаётро давом медиҳанд.




Расми 36. *Ҳайвоноти ёбоӣ.*
*1 — хирс ва хирсбачаҳо; 2 — рӯбоҳ; 3 — гавазн.*

Баъзе паррандаҳо аз қабили турна, лаклак, булбул, фароштурук, мурғобии ёбоӣ

тирамоҳ ба кишварҳои гарм парида мераванд. Паррандаҳои аз қабили гунҷишк, мусича, кабӯтар, майнаи афғон зимистон ҳам парида намераванд, онҳо ба зимистони мо одат кардаанд.

Ин хел паррандаҳо дар ҷойҳои ба хонаи одамон наздиктар зиндагӣ мекунанд. Онҳо ғизои партовро ёфта хӯрда, рӯз мегузаронанд.

**Калимаҳои асосӣ:** ҳайвоноти ёбоӣ, ҳайвоноти хонагӣ, кишварҳои гарм, ғизои партов.

## Саволҳо

1. Дар маҳалли зисти Шумо кадом паррандаҳо тирамоҳ парида рафта, баҳор бармегарданд?
2. Дар маҳалли зисти Шумо чӣ гуна ҳайвоноти ёбоӣ мавҷуд аст? Онҳо зимистон чӣ мехӯранд?

## Супориш

Аз калонсолон пурсед, ки дар маҳалли зисти Шумо кадом ҳайвоноти ёбоӣ ҳаст ва номи онҳоро ба «Дафтари корӣ» нависед.

# БАҲОРИ КИШВАРИ МО



## § 22. ҲАЁТИ РАСТАНИҲО ДАР БАҲОР

Дар мамлакати мо — Ӯзбекистон баҳор аз миёнаҳои моҳи феврал оғоз мешавад.

Баҳорон Офтоб торафт баланд баромада, ҳаво, замин гарм мешавад. Тез-тез борон меборад, замин нам мешавад. Ин обу ҳавои сернам барои растаниҳое, ки аввали баҳор сабзида, гул мекунанд, хеле мувофиқ аст.

Пеш аз ҳама бойчечак, лолаарӯсак, баъд лола мешукуфад (расми 37).



Расми 37. *Гулҳои баҳор:*
*1 — бойчечак; 2 — лолаарӯсак.*

Баробари гарм шуда рафтани рӯзҳо ба танаи дарахтҳо аз замин якҷоя бо об озуқа ҳам бардошта мешавад.

Муғчаҳо варам карда калон мешаванд, баъд гул мекунанд. Пеш аз ҳама бодом гул мекунад ва барг мебарорад. Баъд шафтолу, зардолу, нок, гелос, олуча, себ гул мекунанд (расми 38).

Аз ҳама охир биҳӣ гул мекунад. Бисёр дарахтҳо аввал гул карда, баъд барг меба-

роранд. Биҳӣ бошад, аввал барг бароварда, баъд гул мекунад.

Табиат дар ин фасл нав мешавад. Паррандаҳое, ки тирамоҳ парида рафта буданд, боз ба Ватани мо бармегарданд.

Дар баҳор баъзан рӯзҳое ҳам ҳастанд, ки ҳаво якбора хунук мешавад. Хунуки



Расми 38. *Дарахтҳои гулкардаи зардолу*

сахти якбора омадаро «хунуки сиёҳ» мегӯянд. «Хунуки сиёҳ» хеле хавфнок аст, он гули дарахтҳои мевагӣ, кишти навкоридаи саҳроро сиёҳ мекунад.

Боғбонҳо барои хунук назадани гули дарахтҳои мевагӣ ва меваҳои нав басташудаи онҳо, ҳангоми «хунуки сиёҳ» ба он тарафи боғ, ки бод мевазад, гулхан меафрӯзанд. Бо ҳамин роҳ, онҳо дарахтҳоро аз хунукзанӣ эҳтиёт мекунанд.

**Калимаҳои асосӣ:** бойчечак, лолаарӯсак, лола, дарахтҳои мевагӣ, «Хунуки сиёҳ».

## Саволҳо

1. Пеш аз ҳама кадом гулҳо мешукуфанд?
2. Кадом дарахтҳо аввал гул карда, баъд барг мебароранд?
3. Кадом дарахтҳо аввал барг баровარда, баъд гул мекунанд?
4. «Хунуки сиёҳ» чӣ хел хунукӣ аст?

## Супориш

Дарахтҳои сари роҳи мактабравиро мушоҳида кунед. Кадом дарахт аввал гул мекунад, кадомаш аввал барг мебарорад, муайян намуда, ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

# § 23. РАСТАНИҲО ЧӢ ХЕЛ АФЗОИШ МЕЁБАНД?

Алаф, дарахт, бутта ва гулҳое, ки дар ҳавлӣ, саҳро, гулзор ва боғҳо месабзанд, растанӣ номида мешаванд. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои онҳо тоза карда истодани ҳаво аст (расми 39).

Мо меваҳои шаҳду шакарро маза карда мехӯрем. Онҳо аз витаминҳо хеле бой мебошанд.



Расми 39. *Растанӣ ангидриди карбонатро фурӯ бурда, оксигени барои инсон зарурро хориҷ мекунад*

Гулҳои хушрӯй бошад, одамро ба худ ҷалб мекунанд. Табъро болида мегардонанд.

Бисёр киштҳо аз тухм афзоиш меёбанд. Чигити пахта, тухми харбуза, тарбуз, ҳандалак, каду, сабзӣ, пиёзро мекоранд (расми 40).

Помидор, қаламфур ва карам ҳам аз тухм афзоиш ёфта, баъд кӯчат карда мешаванд. Картошка аз бехмева афзоиш меёбад. Зардолу, чормағз, шафтолу аз донак афзоиш меёбанд. Анор, анҷир, ток аз навда месабзанд. Бед, сафедор ҳам аз навда сабзида мебароянд. Баъзе дарахтҳои мевагиро ба навъҳои серҳосил пайванд мекунанд.




Расми 40. *Киштҳое, ки аз тухм афзоиш меёбанд: 1 — пахта; 2 — тарбуз; 3 — сабзӣ*

Бештар себ, нок, гелос, зардолу, шафтолу ба воситаи пайванд афзоиш дода мешаванд. Пайванд ду хел мешавад — муғчагӣ ва исканагӣ (расми 41).




Расми 41. *Пайванд кардани растаниҳо*

**Калимаҳои асосӣ:** растанӣ, тухм, донак, чигит, навда, пайванд, кӯчат.

## Саволҳо

1. Растаниҳо чӣ фоида доранд?
2. Кадом киштҳо аз тухм афзоиш меёбанд?
3. Кадом меваҳо аз донак афзоиш меёбанд?
4. Барои чӣ дарахтҳои мевагӣ пайванд карда мешавад?

## Супориш

Дуто зарф гиред. Ба онҳо об резед. Ба яке бо ёрии калонсолон шохи гули хонагиро бу-

рида андозед. Ба дуюмаш шохчаҳои зардолу ва бед андохта, 2 ҳафта мушоҳида кунед. Аз шохчаҳо реша бароянд онҳо аз навда, реша набароянд аз донак ё тухма афзоиш ёфтани растаниро дониста мегиред.

## § 24. МЕҲНАТИ БАҲОРӢ

Баҳорон корҳои деҳқонон зиёд мешавад. Деҳқонон заминро шудгор карда, ба кишт тайёр мекунанд. Аввал чигит, баъд ҷуворимакка, картошка, пиёз, харбуза, тарбуз кошта мешавад.

Барои нағз сабзида баромадани тухм гармӣ ва озуқа лозим мешавад. Дар замони ҳозира харбуза, тарбуз ва бодиринг ҳам ба зери плёнка кошта мешавад. Дар ин ҳол кишт тез мерасад.

Кӯчатҳои помидор, карам, қаламфур ҳам дар гармхонаҳо парвариш ёфта, баъд ба саҳроҳо гузаронида мешавад.

Бо фаро расидани баҳор кори боғбонҳо зиёд мешавад. Дарахтҳо бутта карда, бехи онҳо тоза ва нарм карда мешавад (расми 42). Баъд бар зидди ҳашаротҳои зарарнок

дору пошида мешавад. Дар шаҳру деҳот, кӯчатҳои дарахтҳои манзаравӣ ва мевагӣ мешинонанд. Ҷӯй ва гулзорҳоро тоза мекунанд. Гулҳо мешинонанд.

Бехи дарахт, кӯчатҳои гул нарм карда мешавад. Танаи дарахтҳоро бо оҳак сафед мекунанд. Дар ин кор хонандагон ҳам фаъолона иштирок менамоянд.



Расми 42. *Нарм кардани бехи дарахт*

**Калимаҳои асосӣ:** боғбон, дарахтҳои манзаравӣ ва мевагӣ, оҳак.

## Саволҳо

1. Деҳқонҳо баҳорон кадом корҳоро иҷро мекунанд?
2. Боғбонҳо дарахтҳоро чӣ хел парвариш мекунанд?
3. Дар шаҳру деҳот баҳорон кадом корҳо иҷро карда мешаванд?

## Супориш

Гул ва кӯчатҳои ҳавлии мактаб ва ҳавлии худатонро мушоҳида карда, парвариш кунед.

## § 25. ҲАЁТИ ҲАШАРОТ ДАР БАҲОР

Ҳашароте, ки зери пӯстлох, даруни ковокиҳои танаи дарахтҳо, дар қабати хок зимистон хоб буданд, дар баҳор бедор мешаванд.

Хусусан, оруи асал, занбӯр, шабпаракҳои гуногун, гамбуски какана, сӯзанак, пашшаҳо, магасҳо ба ҷунбиш меоянд. Мӯрчаҳои калону хурд пайдо мешаванд (расми 43). Ҳашарот ба ду гурӯҳ — фоиданок ва зарарнок ҷудо карда мешавад.




Расми 43. *Ҳашароте, ки дар баҳор пайдо мешаванд: 1 — сӯзанак; 2 — шира; 3 — ору; 4 — какана; 5 — мӯрча; 6 — оруи асал.*

Оруи асал ва занбӯрҳо гулҳоро гардолуд мекунанд. Барои ҳосили фаровон гирифтан ёрӣ мерасонанд.

Мӯрчаҳо хокро нарм карда, ҳосилхез мекунанд (расми 44).



Расми 44. *Мӯрчаҳо*

Гамбуски саврӣ, пашша, кирми кӯрак ва магасҳо зарарноканд.

Як намуди гамбуск, ки моҳи май парида мебарояд, гамбуски саврӣ номида мешавад (расми 45).

Ин гамбуск тухмашро ба хок гӯр мекунад. Дар баҳор аз тухм кирми сафед мебарояд. Баъд он ба гамбуск табдил меёбад.

Ғизои гамбуск барг ва меваи дарахт аст.




Расми 45. *Ҳашароти зарарнок: 1 — кирми кӯрак; 2 — тортанакканa; 3 — гамбуски саврӣ: а — тухмаш, б — кирмаш, в — зочааш.*

Кирми сафед аз тухм пайдо мешавад, решаи растаниро хӯрда, хушк мекунад.

Дар гум кардани ҳашароти зарарнок паррандаҳои ҳашаротхӯр аҳамият доранд.

Барои ҳамин, мо бояд барои афзоиши ҳашароти фоиданок ва паррандаҳо ёрӣ расонем, онҳоро ҳифз кунем.

**Калимаҳои асосӣ:** оруи асал, занбӯр, кирми лойхӯрак, гамбуски саврӣ, кирми сафед.

## Саволҳо

1. Ҳашароте, ки зимистон хоб меравад, кай бедор мешавад?
2. Кадом ҳашароти дар маҳалли зисти Шумо мавҷударо медонед?
3. Кадом ҳашарот фоиданок ва он чӣ фоида дорад?
4. Кадом ҳашарот зарарнок ва он чӣ зарар дорад?

## Супориш

Номи ҳашаротеро, ки дар маҳалли зисти Шумо дучор меояд, ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

# § 26. НАВРӮЗ — РӮЗИ НАВ

21 март шаб ва рӯз баробар мешавад. Офтоб аз ҳамин рӯз сар карда, баланд бардошта шуда, рӯз аз шаб дароз мешавад.

Дар мамлакати мо ҳар сол рӯзи 21 март иди Наврӯз ҷашн гирифта мешавад. Ин иди Соли нав, иди баҳор аст.

Халқи мо иди Наврӯзро аз замонҳои қадим ин ҷониб ҷашн мегирад. Дар Наврӯз хӯрокҳои аз витаминҳои гуногун бой, ҳа-

лим ва санбӯсаи алафӣ пухта мешавад (расми 46).

Пеш аз иди Наврӯз ҳашари умумихалқӣ гузаронида шуда, ҷӯйҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, ҳавлиҳо тоза карда шуда, ба тартиб даровварда мешавад. Ба майдонҳо, канори кӯчаҳо дарахт ва гулҳо шинонда мешаванд.



Расми 46. *Таоми нодири баҳорӣ — сумалак*

Баъди ба истиқлол ноил гардидани Ӯзбекистон, иди Наврӯз аз нав барқарор гардид. Дар саросари мамлакати мо Наврӯзро васеъ ҷашн мегирифтагӣ шуданд.





Расми 47. *Шодиёнаҳои Наврӯзӣ*

**Калимаҳои асосӣ:** иди Наврӯз, сумалак, ҳалим, самбӯсаи алафӣ, ҳашар.

## Саволҳо

1. Дар баҳор, дар табиат чӣ хел тағйиротҳо рӯй медиҳанд?
2. Наврӯз кай фаро мерасад?
3. Наврӯз чӣ хел ид аст?

## Супориш

Чӣ хел ҷашн гирифта шудани Наврӯз дар маҳаллаатонро шумо ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

# § 27. БОЗГАШТИ БАҲОРИИ ПАРРАНДАГОН БА КИШВАРИ МО

Баҳорон рӯзҳо гарм шуда, баробари бедор шудани ҳашарот, паррандаҳое, ки тирамоҳ парида рафта буданд, ба кишвари мо бармегарданд. Аввало чархресак ва фароштурук парида меоянд (расми 48).




Расми 48. *Паррандаҳо:*
*1 — фароштурук; 2 — булбул*

Онҳо зебо ва серҳаракатанд, фақат ҳашароти майда, пашша ва магасҳоро хӯрда, ба

одамон фоида мерасонанд. Боз яке аз паррандаҳои фоиданок ва хушхон — булбул аст.

Булбул ба диёри мо охири моҳи апрел, аввалҳои моҳи май парида меояд. Он ҳам фақат аз ҳашарот ғизо мегирад.

Охири моҳи май ва аввалҳои моҳи июн 4—5 дона тухм мегузорад. Аз тухмҳо байни 13—14 рӯз чӯҷа мебарояд. Баъди 15 рӯз чӯҷаашро парронча кмекунад.

Дар баҳор ба кишвари мо аз паррандаҳои калон лаклак ва турнаҳо ҳам пари-





Расми 49. *Лаклак ва турна*

да меоянд. Онҳо паррандаҳои пойдароз ва нӯлдароз мебошанд (расми 49).

Ин паррандаҳо дар наздикии кӯлҳо, дарёҳо, ботлоқҳо лона мегузоранд. Онҳо ҳайвоноти хоянда, мор, моҳӣ мехӯранд.

Ҳамаи паррандаҳо фоиданоканд. Барои ҳамин, мо бояд паррандаҳоро ҳифз кунем, лонаи онҳоро вайрон накунем, ба тухмҳои онҳо даст нарасонем.

**Калимаҳои асосӣ:** чархресак, фароштурук, булбул, лаклак, ҳифзи паррандаҳо.

## Саволҳо

1. Баҳорон якумин шуда ба кишвари мо кадом паррандаҳо парида меоянд?
2. Фароштурук чӣ хел парранда аст?
3. Булбул ба кишвари мо кай парида меояд?
4. Лаклак ва турнаҳо дар кучоҳо лона мегузоранд, онҳо аз чӣ ғизо мегиранд?

## Супориш

Дар маҳалли зисти Шумо баҳорон кадом паррандаҳо кай парида омаданашро ба «Дафтари корӣ» навишта биёед.

## § 28. ҲАЙВОНОТИ ХОНАГӢ ВА ЁБОИИ КИШВАРИ МО

Дар замони ҳозира бисёр ҳайвонот ва паррандаҳо ба одамон одат кардаанд. Одамон онҳоро парвариш карда, зиёд мекунанд. Асп, шутур, гов, гӯсфанд, буз, харгӯш, саг, мурғ, хурӯс, гурба ҳайвоноти хонагӣ мебошанд (расми 50). Аз аспу




Расми 50. *Парранда ва ҳайвоноти хонагӣ: 1 — хурӯс ва мурғҳо; 2 — буз; 3 — саг; 4 — шутур.*

шутур дар кашонидани бор истифода мебаранд. Гов, гӯсфанд, буз барои гӯшт, пӯст, шир, харгӯш барои пӯст ва гӯшт парвариш карда мешаванд.

Мурғ, мурғобӣ, ғоз, мурғи марҷон барои гӯшт, тухм ва пар, бедона, тӯтӣ, кабӯтар барои завқ ва хушхонӣ парвариш меёбанд. Ҳайвоноти ёбоӣ аз ҳайвоноти хонагӣ фарқ карда, озуқаро худашон ёфта мехӯранд (расми 57).

Онҳо дар кӯҳҳо, лаби дарёҳо, чариҳо, қамишзор, чакалакзор, чӯлҳо зиндагӣ карда, дар ковокиҳо ва ғорҳо даромада хоб мераванд.







Расми 51. *Ҳайвоноти ёбоӣ:*
*1 — оҳу; 2 — сусмор.*

Ҳайвоноти ёбоӣ ҳам барои инсон хеле фоиданок аст. Аз заҳри мор доруворн гуногун тайёр карда мешавад.

Барои ҳамин, бояд ҳайвоноти ёбоиро ҳам аз нестшавӣ нигоҳ дорем.

**Калимаҳои асосӣ:** дорувор, заҳри мор, ҳифзи ҳайвонот.

### Саволҳо

1. Одамон ҳайвоноти хонагиро барои чӣ парвариш мекунанд?
2. Ҳайвоноти ёбоӣ чӣ хел умр мегузаронанд?
3. Ҳайвоноти хонагӣ чӣ фоида доранд?
4. Шумо дар хона кадом ҳайвоноти хонагӣ ва ёбоиро парвариш мекунед?

### Супориш

Номи ҳайвонот, паррандаҳои хонагӣ, ҳайвоноти ёбоиро, ки дар маҳалли зисти Шумо ҳастанд, муайян карда ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 29. ИНСОН ВА ТАБИАТ

Тамоми чизҳои атрофи мо — Офтоб, Моҳ, ситораҳо, ҳаво, об, абрҳо, кӯҳҳо, ҳамвориҳо, ҳайвонот — табиат аст (расми 52).

Одам ҳам дар ҳамин табиат зиндагӣ карда, ҳамаи чизҳои барои худаш зарурро аз табиат мегирад.

Табиат хеле бой мебошад. Мо барои эҳтиёҷи худ нефт, ангишт, газ, оҳан ва ҳоказоро аз замин канда мегирем. Ба саҳроҳои васеъ ҳар хел кишт корида, ҳосили онро истеъмол мекунем. Боғҳои мевадор бунёд мекунем. Дар саҳро, теппа, кӯҳҳо гов, гӯсфанд, бузҳоро парвариш мекунем. Ҳамин тавр ки бошад, мо бояд табиатро эҳтиёт намоем, ба он ғамхорӣ кунем.

Мо ҳар хел корхонаҳо сохта, дар онҳо маҳсулоти хӯрокворӣ, сару либос, маши-



Расми 52. *Аҷаб зебост табиат*




Расми 53. *Ҳайвоноте, ки ба «Китоби сурхи Ӯзбекистон» дароварда шудаанд:*
*1 — мори кафшак; 2 — силовсин; 3 — бузи кӯҳӣ.*

наҳои барои мо зарурро истеҳсол мекунем. Ҳамаи ҳамин ба табиат таъсир мерасонад. Мумкин аст, ки ҳаво, об ифлос гардад, растанӣ ва ҳайвонот кам шаванд. Барои ҳамин, мо табиатро, боигариҳои онро бояд эҳтиёт кунем.

Барои табиат, ҳайвоноти ёбоӣ ва растаниҳоро нигоҳ доштан, омӯхтан ва афзоиш додан, боғҳои миллӣ, мамнӯъгоҳҳо ташкил карда мешавад.

Ҳайвонот ва растаниҳои нодир, ки дар мамлакати мо эҳтиёт карда, афзоиш дода мешаванд, ба «Китоби сурхи Ӯзбекистон» даровarда шудаанд.

**Калимаҳои асосӣ:** табиат, инсон, маҳсулоти хӯроквори, сару либос, мамнӯъгоҳ, «Китоби сурхи Ӯзбекистон».

### Саволҳо

1. Табиат гуфта чиҳоро мефаҳмед?
2. Инсон аз табиат чӣ хел истифода мебарад?
3. Дар натиҷаи таъсири инсон ба табиат чӣ рӯй доданаш мумкин?
4. Дар мамлакати мо барои чӣ ҳайвонот ва растаниҳои нодир ба «Китоби сурхи Ӯзбекистон» даровarда мешавад?

**Супориш**

Номи ҳайвоноти ба «Китоби сурхи Ӯзбекистон» даровардашударо дар хотир доред (расми 53). Онҳоро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 30. ШАҲР ВА ДЕҲА

Ҳам шаҳр ва ҳам деҳа ҷойи зисти аҳолӣ мебошанд.

Аммо, шаҳрҳо нисбат ба деҳот хеле калон, сераҳолӣ мешаванд.



Расми 54. *Як манзараи Тошканд*

Барои ҳамин, биноҳо, ҷойи зисти серошёна сохта мешаванд.

Дар шаҳрҳо марказҳои илму фан, маданият, корхонаҳои калон, театрҳо, бозигоҳҳо ҷойгир шудаанд. Боғҳои истироҳатии одамон, хиёбонҳо бунёд карда шудаанд.

Калонтарин ва хушрӯйтарин шаҳри Ӯзбекистон, пойтахти мамлакати мо — шаҳри Тошканд мебошад (расми 54).

Дар Тошканд ёдгориҳои таърихию маданӣ, биноҳои баланд ва зебои замонавӣ, боғҳои хушнамо ҳастанд. Дар корхонаҳо маҳсулоти ҳархела истеҳсол карда мешавад.

Ҷавононе, ки аз вилоятҳои гуногуни республикаи мо омадаанд, дар донишгоҳҳои олии ин ҷо таҳсили илм мекунанд.

Дар мамлакати мо шаҳрҳои зебои қадима бисёр аст. Самарқанд яке аз чунин шаҳрҳост. Дар шаҳр ёдгориҳои таърихӣ — ансамблҳои Регистон, Шоҳи Зинда, мақбараи Амир Темур ҳаст (расми 55).

Шаҳрҳои Бухоро, Хева, Қӯқанд ҳам аз ёдгориҳои таърихӣ хеле бойанд. Андиҷон,



Расми 55. *Майдони Регистон*

Фарғона, Намангон, Тирмиз, Қаршӣ, Урганҷ — шаҳрҳои дорои саноати ривоҷёфта ба ҳисоб меравcovered.

Қисми асосии аҳолии деҳот бо корҳои хоҷагии деҳот банд мешавад. Онҳо дар боғҳо меваҳо, дар саҳро ва полизҳо пахта, гандум, ҷуворимакка, харбуза, тарбуз, картошка, сабзӣ, карам парвариш мекунанд.

Дар чарогоҳҳо, дар хонадонҳо гов, гӯсфанд, буз, паррандаҳо парвариш карда, афзоиш дода мешаванд.



Расми 56. *Хонаҳои наве, ки дар деҳот сохта шудаанд*




Расми 57. *Мактаби замонавӣ дар деҳа*

Дар деҳот ҳам мактабҳо, литсейҳо, коллеҷҳои касбу ҳунар, майдонҳои варзишӣ, масканҳои истироҳатии нав сохта мешаванд (расмҳои 56 ва 57).

**Калимаҳои асосӣ:** шаҳр, деҳа, илму фан, маданият, корхона, ёдгориҳои таърихӣ.

### Саволҳо

1. Чӣ хел ҷойро шаҳр мегӯем?
2. Дар шаҳрҳо одамон ба чӣ машғуланд?
3. Дар деҳот одамон кадом корҳоро иҷро мекунанд?
4. Ҳозир дар деҳот чиҳо сохта мешаванд?

### Супориш

Аз калонсолон пурсед, ки дар маҳалли зисти Шумо одамон ба кадом корҳо машғуланд.

## § 31. ТОБИСТОН ДАР КИШВАРИ МО

Фасли тобистон аз моҳи июн сар мешавад. Аммо дар Ватани мо аз миёнаҳои моҳи май ҳаво чун тобистон гарм мешавад. Тобистон борон кам меборад. Кишти сабзавот, ки пагоҳӣ кошта мешаванд, чун ҳандалак, бодиринг, помидор мепазад.

Аз меваҳо қулуфнай, зардолу, гелос, себи пешпазак мепазанд. Дар мактабҳо таҳсил ба охир расида, хонандагон ба таътили тобистона мебароянд.

Дар ин вақт бачаҳо дар масканҳои истироҳатию солимгардонӣ дам мегиранд. Дар мамлакати мо истироҳатгоҳҳои бачагон хеле зиёд аст. Онҳо дар ҷойҳои хуштабиат ва ҳавои тоза сохта шудаанд (расми 58).

Ҳангоми ба оғӯши табиат барои саёҳат баромадан гаштан, пӯшидан, оббозӣ кардан қоидаҳои худро доранд.

Дар Офтоб сари луч гаштан, гулу алафҳоро кандан, ба ҳашарот, ҳайвон ва паррандаҳо расидан, бе назорати калонсолон ба об даромадан, оббозӣ кардан мумкин нест.

Ба ин қоидаҳо, албатта, риоя кардан лозим. Дар он ҳол ҳодисаҳои гуногуни нохуш рӯй намедиҳанд. Боз дигар қоидаҳоро роҳбарони саёҳат мефаҳмонанд.

**Калимаҳои асосӣ:** таътили тобистона, истироҳатгоҳи хонандагон, саёҳат.



Расми 58. *Дар истироҳатгоҳи хонандагон*



## Саволҳо

1. Дар мамлакати мо тобистон кай сар мешавад?
2. Тобистон обу ҳаво чӣ хел мешавад?

3. Охири баҳор ва аввали тобистон кадом меваҳо мепазанд?
4. Тобистон хонандагон дар кучаҳо истироҳат мекунанд?

**Супориш**

Муайян кунед, ки дар маҳалли зисти Шумо моҳи май кадом меваҳо мепазанд ва номи онҳоро ба «Дафтари корӣ» навишта монед.

## § 32. Тестҳо барои санҷиши дониши дар нимсолаи 2-юм гирифтаатон

**1. Кадом моҳҳоро моҳҳои зимистон мегӯянд?**

А) Январ, феврал, март.
Б) Декабр, январ, феврал.
В) Ноябр, декабр, феврал.
Г) Январ, феврал.

**2. Зимистон дар гармхонаҳо кадом киштҳо парвариш мешаванд?**

А) Мева, сабзавот, кабудиҳои гуногун.
Б) Себ, нок, ангур.
В) Харбуза, тарбуз.
Г) Ҳамаи киштҳо парвариш мешаванд.

**3. Зимистон кадом ҳайвонҳо дар хона ва фермаҳо парвариш карда мешаванд?**

А) Хирс, рӯбоҳ, турна.
Б) Уқоб, шутур, лаклак.

В) Гов, асп, мурғ.
Г) Гӯсфанд, гавазн, кабӯтар.

**4. Баҳорон обу ҳаво чӣ хел мешавад?**
А) Рӯзҳо хеле гарм мешавад.
Б) Рӯзҳо гарм шуда, борон бисёр meборад.
В) Рӯзҳо хунук шуда, об ях мекунад.
Г) Барф борида, хунук мешавад.

**5. Иди Наврӯз чӣ гуна ид аст?**
А) Иди соли нав, рӯзи нав.
Б) Иди оғози баҳор.
В) Иди анҷомёбии зимистон.
Г) Иди баробарии шабу рӯз.

**6. 21-уми март чӣ хел рӯз аст?**
А) Рӯзи оғози баҳор.
Б) Рӯзи баробаршавии шабу рӯз.
В) Рӯзи анҷомёбии зимистон.
Г) Рӯзи гулкунии дарахтон.

**7. Баҳорон аввалин шуда кадом гулҳо мешукуфанд?**
А) Гули садбарг.
Б) Гули лола.
В) Гули бойчечак ва лолаарӯсак.
Г) Гули печак.

**8. «Хунуки сиёҳ» чӣ хел хунук мебошад?**
А) Хунуке, ки баҳорон ногаҳон сар мешавад.
Б) Зимистон якбора хунук шудани рӯзҳо.
В) Хунуки рангаш сиёҳ.

Г) Хунуке, ки баъди барф ҳосил мешавад.

**9. Баҳорон кадом паррандаҳо парида меоянд?**

А) Фароштурук, булбул, турна, лаклак.

Б) Зоғ, мусича, гунҷишк.

В) Зоғи сиёҳ, бум.

Г) Уқоб, калхот.

**10. Одамон ҳамаи чизҳои барои худ зарурро аз куҷо мегиранд?**

А) Аз бозор.

Б) Аз дӯконҳо.

В) Аз табиат.

Г) Аз ҳамдигар.

**11. Боғҳои миллӣ, мамнӯъгоҳҳо барои чӣ бунёд мешаванд?**

А) Барои нигоҳ доштан, омӯхтан ва афзудани боигариҳои табиат.

Б) Барои истироҳати одамон.

В) Барои офаридани боғи хушрӯ.

Г) Барои нигоҳ доштани об.

**12. Фарқи шаҳрҳо аз деҳаҳо дар чист?**

А) Шаҳрҳо нисбат ба деҳаҳо калон аст.

Б) Аҳолии шаҳр бисёр аст.

В) Биноҳо дар шаҳр серошёна.

Г) Ҳар се ҷавоб дуруст.

**13. Калонтарин ва зеботарин шаҳри мамлакати мо кадом аст?**

А) Самарқанд. Б) Андиҷон.

В) Бухоро. Г) Тошканд.

**14. Дар деҳаҳо чиҳо сохта мешавад?**

А) Мактабҳои нав.

Б) Майдонҳои варзишӣ.

В) Хонаҳои зебо.

Г) Ҳар се ҷавоб дуруст.

**15. Охири май ва аввали тобистон кадом меваҳо мепазанд?**

А) Бодиринг, помидор.

Б) Ҳандалак, сабзавот.

В) Қулуфнай, гелос, зардолу.

Г) Ҳар се ҷавоб дуруст.

## СУПОРИШҲОИ ТОБИСТОНА

Бачаҳо, шумо ҳангоми таътили тобистона дар истироҳатгоҳҳо дам мегиред, ҳамроҳи падару модар, додару бародарони худ дар ҷойҳои хушрӯй ва салқини табиат мешавед.

Дар куҷое, ки бошед, дар он ҷо чизҳои дар дарси «Шиносоӣ бо муҳити зист» омӯхтаатонро мебинед. Чизҳои дидаи худро чун ҳикоя нависед, расмҳо кашед. Дар ин бора вақти ба синфи сеюм омаданатон нақл мекунед.

Истироҳати тобистонаатон хуш гузарад!

# ҶАВОБҲО БА САВОЛҲОИ ТЕСТ

## Ҷавоби тестҳо барои нимсолаи 1-ум

| Савол | Ҷавоб | Савол | Ҷавоб | Савол | Ҷавоб |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Г | 6 | В | 11 | В |
| 2 | Г | 7 | Г | 12 | Г |
| 3 | А | 8 | А | 13 | Б |
| 4 | Г | 9 | А | 14 | В |
| 5 | А | 10 | Б | 15 | Б |

## Ҷавоби тестҳо барои нимсолаи 2-юм

| Савол | Ҷавоб | Савол | Ҷавоб | Савол | Ҷавоб |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Б | 6 | Б | 11 | А |
| 2 | А | 7 | В | 12 | Г |
| 3 | В | 8 | А | 13 | Г |
| 4 | Б | 9 | А | 14 | Г |
| 5 | А | 10 | В | 15 | Г |

# МУНДАРИЧА

## Муҳити зистро меомӯзем


§ 1. Олами атрофи мо........................................3
§ 2. Ҷисм ва моддаҳо дар табиат......................6
§ 3. Обу ҳаво........................................................9


## Тирамоҳи кишвари мо


§ 4. Фаслҳои сол..............................................13
§ 5. Неъматҳои тирамоҳ...................................16
§ 6. Меҳнати фоиданоки иҷтимоӣ...................21
§ 7. Ҳаёти ҳашарот...........................................23
§ 8. Паррандаҳои кишвари мо.........................27
§ 9. Ба зимистон тайёр шудани растаниҳо.......31
§ 10. Тайёр кардани гербарий...........................34
§ 11. Дар бораи касбу кор.................................36


## Модар — Замини мо


§ 12. Замин — сайёра.........................................39
§ 13. Ҳаракати Замин........................................42
§ 14. Воҳидҳои ченаки вақт...............................44
§ 15. Сохти сатҳи замин....................................46
§ 16. Об — манбаи ҳаёт.....................................49
§ 17. Тестҳо барои санҷиши дониши
дар нимсолаи 1-ум гирифтаатон.........52

## Зимистони кишвари мо

§ 18. Зимистон........................................55
§ 19. Меҳнати зимистона............................57
§ 20. Ҳаёти зимистонии ҳайвоноти хонагӣ ва ёбоӣ........................................60
§ 21. Ҳаёти ҳайвоноти ваҳшӣ дар зимистон....62

## Баҳори кишвари мо

§ 22. Ҳаёти баҳории растаниҳо.........................65
§ 23. Растаниҳо чӣ хел афзоиш меёбанд?.......69
§ 24. Меҳнати баҳории одамон..........................72
§ 25. Ҳаёти баҳории ҳашарот.............................74
§ 26. Наврӯз — рӯзи нав ...................................77
§ 27. Бозгашти баҳории паррандагон ба кишвари мо.......................................80
§ 28. Ҳайвоноти хонагӣ ва ёбоии кишвари мо.......................................83
§ 29. Инсон ва табиат........................................84
§ 30. Шаҳр ва деҳа..............................................89
§ 31. Тобистон дар кишвари мо..................93
§ 32. Тестҳо барои санҷиши дониши дар нимсолаи 2-юм гирифтаатон....................96
Супоришҳои тобистона.......................................99

## Ҷавобҳо ба саволҳои тест

Ҷавоби тестҳо барои нимсолаи 1-ум..............100
Ҷавоби тестҳо барои нимсолаи 2-юм.............100

**POTIHKAMOL G‘ULOMOV,**
**SHAHRIXON MIRZAXMATOVA**

# ATROFIMIZDAGI OLAM

*Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining*
*2-sinfi uchun darslik*

**Qayta ishlangan va to‘ldirilgan**
**oltinchi nashri**

*(Tojik tilida)*

Cho‘lpon nomidagi nashriyot-matbaa ijodiy uyi
Toshkent – 2018

**Тарҷумонлар**

**Абдуллоҳи Тоҳириён, Зебунисо Файзуллоева**

*Муҳаррир* ***Асадулло Шукуров***

*Мусаввир* ***Азамат Юлдашев, Насиба Ёқубова***

*Муҳаррири техникӣ* ***Елена Толочко***

*Ҳуруфчин* ***Гулчеҳра Азизова***

Рақами литсензия AI № 163. Ба чопаш 25 апрели соли 2018 дода шуд. Андозаи 70×90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи Shkolnaya TAD 16,14. Бо усули офсетӣ тарҳрезӣ шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 7,60. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,30. Адади нашр 7174 нусха. Шартномаи № 38–2018. Супориши № 120-18.

Хонаи эҷодии табъу нашри ба номи Чӯлпон. 100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30. Телефон: (371) 244-10-45. Факс: (371) 244-58-55.

Агентии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон. Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘qituvchi», 100206, Тошканд, даҳаи Юнусобод, Yangi shahar, 1.

**Ғуломов П.**

F 84 Шиносоӣ бо муҳити зист. 2 [Тож.]: китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 2-юми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ/ П. Ғуломов, Ш. Мирзахматова; — Т.: ХЭТН ба номи Чӯлпон, 2018. – 104 с.

ISBN 978-9943-05-830-9

**УӮК 502.2=222.8(075)**
**КБК 20.1я71**

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |

## Дар вақти ба иҷора дода шудани китоб ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтани он, ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф мувофиқи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир шудааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор кардан мумкин нест. |